# ПРОТОКОЛИ №15

## Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

аз «13» апрели соли 2024 ш.Бохтар

Муҳокимаи кори диссертатсионии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика).

**Роҳбари илмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалӣ, сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда:** Тақризи ташкилоти тақриздиҳанда Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Аламова Х.Т. бо имзои раиси ҷаласа, номзади илмҳои физика-математика, мудири кафедраи методикаи таълими физика, дотсент, Истамов Фарҳод Хоҷамқулович,экспертон,дотсенти кафедра Насимова Ҷ.Б. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ,муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика Қудусова С.А. дар ҷаласаи васеи кафедра муҳокима карда шуда бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессор Насриддинзода Э.С.аз 27-уми марти соли 2024 суратҷаласаи №6 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин, саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Шерматов Дустназар Саидович** - доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи физикаи тиббӣ, биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»;
2. **Назаров Аҳтам Пулотович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионии МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».
3. **Баромад ва тақриз ба автореферат:**

1. Исоев С.Қ - номзади илмҳои таърих, (аз рӯйи самти физика), дотсенти кафедраи шабакаҳои барқӣ ва физикаи умумии МДТ «Донишкадаи технология ва менеҷменти инватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб».
2. Набиев Ҷ.Ғ..-номзади илмҳои педагогӣ,и.в.дотсенти кафедраи физика ва географияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара»;
3. Акрамова Рухшона Ятимовна.-номзади илмҳои физика-математика, дотсент,мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ»

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Аламова Хатичамо Туйбошиевна пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам

буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Аламова Х.Т. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) сазовор мебошад.

Дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаҳое, ки шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Аламова Х. бо дарназардошти актуалӣ будани мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048.

**Қарор мекунад:**

1. Кори диссертатсионии Аламова Х.Т. дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика), ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами №267 Низомнома оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои чопшуда ҳаматарафа мундариҷаи асосии кори диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ба Аламова Х.Т. дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсионӣ оид ба додани илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Аламова Х.Т. аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физикаи)-ро дастгирӣ намоянд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Ойматова Х.Х.**

Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
ҶМ